26 СЕНТЯБР - РӮЗИ МАҶЛИСИ ОЛӢ - ПАРЛАМЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №116 (4856) | ҶУМЪА, 27 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



МУТТАҲИДСОЗИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ БО МАҚСАДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ ВА РУШДИ УСТУВОР БЕШ АЗ ҲАР ВАҚТИ ДИГАР ЗАРУР МЕБОШАД

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои 79-уми умумии Маҷмаи умумии СММ

24-уми сентябри соли 2024, Иёлоти Муттаҳидаи Америко

Муҳтарам ҷаноби Раис,
Ҳозирини гиромӣ!

Дар оғози сухан ҷаноби Филемон Янгро ба муносибати интихоб шуданашон ба ҳайси раиси Иҷлоси 79-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид табрик мегӯям.

Ҳамчунин, ба ҷаноби Деннис Фрэнсис барои фаъолияти самарабахш дар мақоми раиси Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид арзи сипос менамоям.

Ҳозирини гиромӣ!

Имрӯз ҷаҳон дар шароити хеле ҳассосу мураккаб қарор дорад. Равандҳои пуртазоди геосиёсӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, шиддат гирифтани «ҷанги сард», низоъҳои мусаллаҳона, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва дигар хатару таҳдидҳои глобалӣ, бешубҳа, оқибатҳои манфии дарозмуддат хоҳанд дошт.

Дар ин зимина, муттаҳидсозии талошҳои муштараки ҷомеаи байналмилалӣ ба мақсади ҳифзи амнияту субот ва таъмини рушди устувор беш аз ҳар вақти дигар зарур мебошад.

Мусаллам аст, ки имконияти таъмини сулҳи пойдору ҳаёти осоиштаи инсоният ва пешрафти ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор идома медиҳад.

Қобили зикр аст, ки муҳтавои асосии рӯзномаи мазкур дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» низ инъикос ёфтааст ва ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои он талошҳои пайваста ба харҷ дода мешаванд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

ПАЁМИ ШОДБОШИИ

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

26-уми сентябри соли 2024, шаҳри Душанбе

Ҳамдиёрони азиз!

Шуморо ба муносибати санаи фархундаи Рӯзи Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҷлили он ба 26 сентябр рост меояд, самимона табрик мегӯям.

Зери сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар натиҷаи амалӣ намудани ислоҳоти конституционӣ дар кишвар, ки 26 сентябри соли 1999 ба вуқӯъ пайваст, дар ҷумҳурӣ ба таъсиси Маҷлиси Олии дупалатагӣ - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон замина гузошта шуд, ки он шурӯъ аз соли 2000 то имрӯз фаъолияти самараноку муназзам дорад.

Мақоми олии қонунгузори кишвар - Маҷлиси Олӣ дар радифи иҷрои рисолати қонунэҷодкунӣ ва намояндагӣ аз халқ, танзими пояи ҳуқуқӣ ва қолаби қонунии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, тавонист низоми ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии давлати комилан мустақили миллӣ табдил диҳад.

Парламенти Тоҷикистон дар баробари истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ роҳи таъриҳии ҳуқуқэҷодкунии мамлакатро дар пайвастагӣ бо манфатҳои миллӣ таҳия намуда, бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳияи низоми ҳуқуқии кишвар, тавсеаи демократия, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаклгирии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷик нақши муҳим мебозад.

Аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси баланди ҳувият ва ифтихори миллӣ дар масири пешбурди сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон содиқонаву софдилона фаъолият менамоянд ва тавассути қабули қонунҳои пурсамар дар татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ саҳми босазо мегузоранд.

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳамватанони азиз, хосатан кулли вакилону намояндагони интихобнамудаи мардумро ба муносибати Рӯзи Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як сокини мамлакат сулҳу оромӣ, файзу баракат ва иқболи хушбахтӣ орзу менамоям.

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР «РОҒУН»

27-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ифтитоҳи як қатор иншооти таъиноти гуногун ва боздид аз раванди корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба шаҳри Роғун ташриф оварданд.

Сафари кории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо ифтитоҳи маркази рушди малакаҳои касбӣ оғоз гардид.

Иншооти хуштарҳу замонавии навбунёд дар шаҳри Роғун бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби 2,9 миллион доллари ИМА аз шарикони хориҷии рушд дар доираи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмин ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтарсозии малакаи касбӣ ва ба шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи меъморӣ бунёд гардидааст.

Иттилоъ дода шуд, ки маркази рушди малакаҳои касбӣ дар шаҳри Роғун аз бинои таълимӣ ва хобгоҳи 4-ошёна бо 130 ҷойи хоб, 8 устохонаи таълимӣ ва биноҳои ёрирасон иборат аст.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот тибқи лоиҳаи тарҳрезишуда ва талаботи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ моҳи августи соли 2022 оғоз гардида, дар муҳлати муайяншуда бо сатҳу сифати баланд анҷом дода шудааст. Бинои маркази рушди малакаҳои касбӣ дар шаҳри Роғун ба маблағи 32 миллион сомонӣ дар масоҳати умумии беш аз 2 гектар бунёд гардидааст.

Шароити муҳайёгардида дар ин марказ имконият медиҳад, ки раванди таълим дар як баст барои то 150 нафар ба роҳ монда шавад ва ҳамин тариқ, дар як сол беш аз 1800 нафар ба омӯзиш фаро гирифта шаванд.

Маркази рушди малакаҳои касбӣ аз даҳ синфхонаи барҳавои таълимӣ бо 90 компютер, толорҳои таҷрибаомӯзӣ ва бисёрфункционалӣ, ҳуҷраҳои машваратӣ, санитарию гигиенӣ, маъмурӣ, маҷлисгоҳ бо 135 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад. Дар раванди сохтмони иншооти мазкур беш аз 200 нафар сокини маҳаллӣ бо кори муваккатӣ ҷалб гардида буданд. Баъди ба истифода додани марказ 38 нафар бо кори доимӣ таъмин шуданд.

Дар марказ дар баробари омӯзиши чор касби соҳаи барқ, ҳамчунин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ, русӣ ва кореягӣ, ба роҳ монда шудааст, ки ҳар як хонанда баъди хатм соҳиби сертификати байналмилалӣ мегардад.

Дар маркази рушди малакаҳои касбӣ дарсҳои назариявӣ ва амалӣ ба роҳ монда шудааст. Шароити фароҳамгардида дар маркази мазкур имкон медиҳад, ки новобаста ба синну сол нафароне, ки хоҳишу завқи соҳибкасб шудан доранд, метавонанд дар ин ҷо ба омӯзиши касбҳои гуногун фаро гирифта шаванд. Иншооти навбунёд бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин буда, дар он камераҳои назоратӣ насб гардидааст.

Ҳамзамон, дар дохили бино маркази нигоҳубини кӯдакон ва хобгоҳ бо 57 ҳуҷра ва 130 ҷойи хоб таъсис дода шудааст. Барои ҳавасмандӣ ҷиҳати иштирок дар раванди таълим ба занони таълимгиранда нигоҳубини ройгони кӯдакон ва стипендия пешбинӣ шудааст.

Дар марказ омӯзиши малакаҳои касбӣ дар мувофиқа бо ассотсиатсияҳои соҳавӣ муайян шудааст. Барномаҳои нави таълимӣ барои давраи кӯтоҳтар нисбат ба таълими муқаррарӣ барои гурӯҳҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ, ки имкони пардохти таълим ё сарфи вақти барои барномаи «ТИКТО» дар шакли рӯзона муқарраргардидаро надоранд, пешбинӣ карда мешавад.

Инчунин, дар саҳни бинои хуштарҳу замонавӣ майдончаи хурд барои бозии футбол бунёд шуда, атрофи он бо гулҳои рангоранги мавсимӣ оро ёфтааст.

Иншооти мазкур бо системаи гармидиҳӣ пайваст буда, синфхонаҳо ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон дар давраи сардиҳо тавассути он пурра бо гармӣ таъмин карда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

НОМАИ ТАБРИКИИ

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Матвиенко Валентина Ивановна

Муҳтарам Валентина Ивановна,

Шуморо аз номи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан аз номи худам ба муносибати аз нав интихоб шуданатон ба маснади Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия самимона табрик менамоям!

Аз нав интихоб гардидани Шумо ба вазифаи олии давлатӣ ифодаи эътимоди мардуми Россия ба Шумо, нуфузи устувори Шумо ҳамчун ходими барҷастаи давлатӣ ва алоқамандии усулию касбии Шумо, ки ба рушди қонунгузорӣ ва парламентаризм дар Россия равона карда шудааст, ба ҳисоб меравад.

Дар Тоҷикистон Шуморо ҳамчун ҷонибдори рушд ва таъмиқи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳаймонии Тоҷикистону Россия мешиносанд. Мо саҳми калони шахсии Шуморо дар таҳкими муколамаи байнидавлатӣ баланд арзёбӣ менамоем.

Итминон дорам, ки бо талошҳои муштарак мо минбаъд низ муколамаи байнипарламентиро вусъат дода, ҳамкориҳои амалиро дар бахшҳои гуногун ба манфиати мардумон ва давлатҳои ба ҳам дӯст тавсеа мебахшем.

Муносибатҳои самимӣ ва боэътимодамонро арзишманд медонам.

Ба Шумо, муҳтарам Валентина Ивановна, дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳо, инчунин, саломатӣ ва хушбахтӣ орзумандам.

Бо эҳтиром,
Рустами Эмомалӣ

НОМАИ ТАБРИКИИ

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Маҷлиси Туркманистон Гулманова Дунягозел Акмуҳаммедовна

Муҳтарам Дунягозел Акмуҳаммедовна,

Табрикоти самимии маро ба муносибати ҷашни миллӣ - Рӯзи Истиқлолияти Туркманистон қабул фармоед.

Туркманистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар роҳи таҳкими давлатдорӣ, афзоиши некуаҳволии мардум ва нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид.

Итминон дорам, ки ҳамкорӣ байни мақомоти қонунгузори кишварҳоямон бо усули эътимоди мутақобила, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек таҳвияти меёбад.

Бо истифода аз фурсат ба Шумо саломатии бардавом, дар фаъолияти пурмасъулиятатон комёбиҳо ва ба мардуми бародари Туркманистон сулҳу шукуфоӣ таманно менамоям.

Бо эҳтиром,
Рустами Эмомалӣ

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР «РОҒУН»

(Идома аз саҳ. 1)

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ дар иншооти навбунёд ба масъулин барои таъсиси ҳамин гуна марказҳо

дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар, инчунин, интихобу ҷобаҷогузории омӯзгорон ва омода намудани мутахассисони сатҳи баланд дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

27-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳри Роғун хати интиқоли барқи 220 кВ аз дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 220 кВ-и НБО «Роғун» то зеристгоҳи барқии «Роғун» бо дарозии умумии 12,7 км ва васеъсозии дастгоҳи тақсимоти кушодаи 220 кВ-и зеристгоҳи барқии 220/110/35/10 кВ-и «Роғун»-ро баъд аз навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки баъд аз навсозӣ ва васеъ-намоии зеристгоҳи мазкур барқи истеҳсолгардидаи НБО «Роғун» тавассути хати барқии 220 кВ аз дастгоҳи тақсимоти пӯшидаи элегазии 220 кВ-и НБО «Роғун» то дастгоҳи тақсимоти кушодаи зеристгоҳи барқии 220/110/35/10 кВ-и «Роғун» интиқол ёфта, ба низоми ягонаи энергетикии кишвар пайванд мешавад ва ба ин васила эътимоднокии системаи энергетикии кишвар баланд мегардад.

Зеристгоҳи барқии 220/110/35/10 кВ-и «Роғун» баъд аз навсозӣ сокинони шаҳри Роғун, ноҳияҳои водии Рашт, Файзобод ва қисман шаҳри Ваҳдатро доимӣ бо барқ таъмин менамояд.

Иншооти нави соҳа ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ба маблағи умумии 11 млн. доллари амрикоӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ бунёд гардидааст.

Зеристгоҳи мазкур бо мақсади саҳмгузорӣ ба ҳадафҳои стратегӣ - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин, таъмини аҳолӣ бо неруи барқ, сохта шудааст.

Сол то сол бо зиёд шудани коргоҳу корхонаҳои саноатӣ дар кишвар, ҳамзамон, шумораи ифротгарой, тундгарой, киберҷиноятҳо, гардиши ғайриқонунии аслиҳа ва маводи мухаддир, инчунин, дигар зуҳуроти ҷиноятқории фаромарзӣ бояд амалҳои муштарак ва муассирро анҷом диҳад.

Дар баробари ин, солҳои охир афзоиши афкори исломситезӣ, инчунин, падидаи истифода аз «сиёсати духӯра» дар муносибатҳои байналмилалӣ боиси нигаронӣ гардидааст.

Кишвари мо дар ҳамкорӣ бо СММ ва ниҳодҳои дахлдори он, инчунин, дигар шарикон, ҷиҳати муқовимат ба хавфу хатарҳои амниятӣ пайваста иқдомҳои муштаракро роҳандозӣ мекунад.

Ба ин мақсад Тоҷикистон ва Давлати Кувайт дар ҳамкорӣ бо Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид моҳи ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Ал-Кувайт Конфронси навбатиро дар доираи тифодабарандагони неруи барқ низ зиёд мегардад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кам намудани сарбории зеристгоҳҳо ва бе мушкилӣ дар ҳамаи фаслҳои сол таъмин намудани неруи барқ зеристгоҳҳои нав бунёд намуда, зеристгоҳҳои таъмирталабро навсозӣ менамояд.

Зеристгоҳ барои таъмини аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо барқ пешбинӣ гардида, бо таҷҳизоту технологияи нав муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дастгоҳҳои зеристгоҳ дорои сифати баланд буда, аз давлатҳои пешрафтаи дунё ворид ва насб гардидаанд. Дар иншооти навсохт 11 нафар сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб шудаанд.

Корҳои сохтмонӣ ва васли таҷҳизоти барқӣ дар иншооти системаи энергетикӣ моҳи майи соли 2022 оғоз гардида, моҳи июни соли 2024 пурра ва мувофиқ ба талаботи замони мусир ба анҷом расонида шуд.

Тибқи лоиҳа дар зеристгоҳи барқии 220/110/35/10 кВ-и «Роғун» 9 чашмаки 220 кВ, навсозии бинои идоракунии фаврӣ ва биноҳои ёрирасон анҷом дода шудааст.

Дар саҳну атрофи зеристгоҳи барқӣ дарахтони соясафкану ороишӣ ва гулҳои рангоранги мавсимӣ шинонида шуда, роҳравҳои он пурра асфалтпӯш гардидааст.

27-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» нахуст бо ҷараёни корҳои анҷомёфта дар бинои дарвозаҳои садамавӣ-таъмирии нақби сохтмонии қабати чорум шинос шуда, бо пахши тугмаи рамзӣ ба фаъолияти иншоот оғоз бахшиданд.



Дарвозаҳои садамавӣ-таъмирии нақби сохтмонии қабати чорум дар баландии 1088 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, корҳои бунёдӣ бо назардошти меъёрҳои ҷаҳонии соҳаи энергетика анҷом ёфтааст.

Дарозии дарвозаҳо 12,5 метрро ташкил дода, бо истифода аз маҳсулоти корхонаҳои ватании насби таҷҳизоти гаронарзиш сохта мешавад. Бояд гуфт, ки корҳои сохтмону васлгарӣ дар ин иншоот аз соли 2019 оғоз гардида, онро бинокорони корхонаи пудратии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидромонтаж» ба иҷро расонидааанд.

Иҷрои корҳои васлу насби оҳанфулузот ва таҷҳизоти гидромеханикӣ дар ин минтақа мутаносибан 1150 ва 936 тоннаро ташкил медиҳад. Дарвозаҳои таъмирӣ дар неругоҳҳои барқи обӣ яке аз ҷузъҳои муҳими иншоот ба шумор рафта, дар ҳолатҳои таъмир ва садама истифода мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» баъди боздид аз дарвозаҳои садамавӣ-таъмирии нақби сохтмонии қабати чорум аз шохаи «А»-и нақби мазкур дидан карданд.

Нақби сохтмонии қабати чор аз шохаҳои «А» ва «Б» иборат буда, вазифаи онҳо тақсим намудани ҳаҷми об ва паст кардани шиддатнокии ҷараёни он мебошад.

Иншоот ба истисноии баромадгоҳ 1770 метр дарозӣ дошта, ҷутраш 15 метрро ташкил медиҳад ва иқтидори обгузаронии он 3500 метри мукааб дар як сония мебошад.

Дар минтақаи камераи дарвозаҳои шохаи «А» кор тибқи лоиҳа идома дошта, то имрӯз корҳои бетонхобонӣ 1271 метри мукааб, корҳои кафшерӣ 489 метр ва васлу насби варақаҳои оҳанин ба пуррагӣ ба ичро расидаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо корҳои анҷомёфта ва суҳбат бо бинокорон аз натиҷаи кор дар ин минтақа изҳори қаноатмандӣ намуда, дар оянда барои сари вақт ва мувофиқ ба талабот ичро намудани корҳои боқимонда дастурҳои мушаххас доданд.

Маврид ба ёдоварист, ки НБО «Роғун» дар рӯди Вахш бунёд гардида, бузургтарин дар силсилаи неругоҳҳои Вахш аст ва бо иқтидори 3600 МВт дар Осиёи Марказӣ ҳам калонтарин неругоҳ маҳсуб мешавад.

Агрегати нахустини Неругоҳи барқи обии «Роғун» 16 ноябри соли 2018 ва агрегати дуюми он 9 сентябри соли 2019 аз тарафи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шуда буд.

Зимни боздидҳо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз коргарон даъват менамоянд, ки содиқонаву софдилона фаъолият намуда, ҳар як кори ба зиммаашон гузошташударо тавре анҷом диҳанд, ки садсолаҳо барои миллати тоҷик хизмат намояд.

Зимни боздид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, барои тезонидани корҳои бунёдӣ дар дигар минтақаҳои иншоот ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти кишвар Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро яке аз сарчашмаҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини зиндагии шоистаи сокинони кишвар номида, пурра ба фаъолият пардохтани онро барои давлату миллати тоҷик дастоварди бузурги таърихӣ арзёбӣ намуданд.

Бунёдгузори кохи нур - Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо бинокорон барои ичрои рисолати шаҳрвандӣ ва саҳм гузоштан дар бунёди иншооти аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба онҳо изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид доштанд, ки номи ҳар яки онҳо дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт мегардад ва барои оянда намунаи ибрат хоҳанд шуд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

МУТТАҲИДСОЗИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ БО МАҚСАДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ ВА РУШДИ УСТУВОР БЕШ АЗ ҲАР ВАҚТИ ДИГАР ЗАРУР МЕБОШАД

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои 79-уми умумии Маҷмаи умумии СММ

24-уми сентябри соли 2024, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико



(Идома аз саҳ. 1)

Дар баробари ин, якчанд мушкилоте мавҷуданд, ки барои маблағгузории сариваҚтӣ ҷиҳати рушди устувор монеа эҷод мекунанд.

Нооромиҳои амниятӣ, буҳронҳои иқтисодию молиявӣ, гармшавии бесобиқа бар асари тағйирёбии иқлим ва талафоти гуногунии биологӣ, инчунин, паҳншавии беморихои сироятӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд.

Дар эъломияи сиёсие, ки чанде пеш аз ҷониби Маҷмаи умумӣ қабул гардид, кишварҳои узв эътироф карданд, ки «расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар хатар аст».

Тибқи ҳисоботи Дабири кулли СММ, ҷомеаи ҷаҳонӣ то соли 2030 фақат ба 17 фоизи Ҳадафҳои рушди устувор ноил шуда метавонад.

Мо шоҳид ҳастем, ки дар бисёр кишварҳои рӯ ба тараққӣ натиҷаҳои дар чаҳорчӯби Ҳадафҳои рушди устувор ҳосилгардида аз даст мераванд. Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки талошҳои худро ба хотири татбиқи сариваҚтии «Рӯзномаи 2030» фаъолтар карда, ба масъалаи маблағгузории рушди устувор аҳамияти махсус диҳем. Мо, ҳамчунин, Конфронси чоруми байналмилалӣ оид ба маблағгузории рушдро, ки баргузории он тибқи қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи июли соли 2025 дар Испания дар назар аст, барои дарёфти роҳҳои рафъи монеаҳо дар самти маблағгузории рушд муҳим медонем.

Зарур аст, ки фаъолияти низоми байналмилалии молиявӣ ва иқтисодӣ ба эҳтиёҷоти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷавобгӯ бошад, то тавонад ба вокуниши сариваҚтии кишварҳои узв ба таҳдиду хатарҳои муосир мусоидат намояд. Дар ин росто, мо идомаи маблағгузории институтҳои байналмилалии молиявӣ, бахусус, тавассути Ассосиатсияи байналмилалии рушдро ба кишварҳои ниёзманд ба мақсади татбиқи ҳадафу барномаҳои пешбинишуда муҳим мешуморем.

Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор заминаи муносиб ба шумор мераванд.

Тоҷикистон тавассути қабули стратегия ва дигар санадҳои консептуалӣ ҷиҳати марҳала ба марҳала гузаштан ба низоми рақамикунонӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад. Вобаста ба ин, пешниҳод дорам, ки Маҷмаи умумӣ дар иҷлоси навбатӣ оид ба нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳамсозии имконияти нав барои рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва суръатбахшӣ ҷиҳати расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ қатъномаи махсус қабул намояд.

Тоҷикистон дар чаҳорчӯби иҷлоси кунунии Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардидани «Саммити Оянда»-ро муҳим арзёбӣ мекунад.

Санади байнидавлатии «Паймон ба хотири оянда», ки дар ҷараёни саммит қабул гардид, дар ҷодаи таъмини сулҳу амният ва рушди устувор нақши калидӣ дорад ва мо аз омодагии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои татбиқи он истиқбол менамоем. Ин паймон дар шароите қабул гардид, ки миллионҳо нафар мардуми осоишта дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба хавфу хатарҳои амниятӣ дучор гардидаанд.

Мо бар ин назарем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар рӯ ба рӯи таҳдидҳои терроризму «Раванди Душанбе оид ба муборизаи бо терроризм» баргузор менамоянд.

Бовар дорем, ки ин чорабинӣ масъалаҳои пойдории амнияту суботи фарогирро дар меҳвари худ қарор дода, ба идомаи муколамаи васеъ ва боэътимод, инчунин, табодули таҷрибаву афкори созанда дар ин ҷода мусоидат хоҳад кард.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар робита ба масоили амниятӣ меҳоҳам таъкид намоям, ки буҳрони Фаластин ҳамоно боиси нигаронии амиқи кишвари мо мебошад. Вазъи фоҷиабори имрӯза дар он минтақа бори дигар собит месозад, ки қазияи Фаластин роҳи ҳалли низомӣ надорад.

Тоҷикистон бар он назар аст, ки ҳалли ниҳоӣ ва воқеии ин қазия танҳо тавассути иҷрои қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба таъсиси Давлати мустақили Фаластин дар асоси марзҳои соли 1967 имконпазир мебошад.

Умед дорем, ки ҷонибҳои даргир барои оташбас ва роҳандозии музокироти сулҳ иқдом карда, ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати эҳёи суботи пойдор дар Фаластин тадбирҳои муассир хоҳад андешид. Ҳамчунин, мо ҷонибдори истиқрори сулҳу суботи пойдор ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар Афғонистон, аз ҷумла ба минтақаҳое, ки дар пайи офатҳои табиӣ зарар дидаанд, дареғ надоранд.

Ҳозирини гиромӣ!

Аз баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 зиёда аз як сол сипарӣ гардид. Дар асоси маълумоти ниҳодҳои марбутаи СММ, пешрафт дар соҳаи об ва беҳдошт, бо вуҷуди беҳбудиҳои алоҳида, ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Бинобар ин, Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ҷиҳати татбиқи ухдадориҳое, ки аз натиҷаи Конфронси оби соли 2023 дар «Рӯзномаи амали об» бармеояд, бо ҳама тарафҳои манфиатдор ҳамкории фаъол дорад.

Иҷрои муваффақонаи ин ва дигар ухдадориҳо ва ҳадафу вазифаҳои марбут ба об аз шарикии муассири бисёрҷониба, ки равишҳои ҳамгирой ва силсилавиро таъмин мекунанд, вобаста хоҳад буд. Дар робита ба ин, истифодаи платформаи «Раванди оби Душанбе»-ро барои пайгирии натиҷаҳои Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид муҳим медонем.

Бовар дорем, ки «Раванди оби Душанбе» ба сифати майдони муколамаи васеи ҷонибҳои манфиатдор барои омодагии ҳамаҷониба ба баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2028 дар Душанбе нақши муҳим хоҳад бозид.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар пасманзари пайомадҳои тағйирёбии иқлим ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар ҷараёни истифодаи захираҳои табиӣ ва фаъолияти бемайлони соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон аз ибтикорҳои дастҷамъона кор бигирад.

Солҳои охир офатҳои табиӣ дар баробари хушксолиҳои пай дар пай ба соҳаҳои кишоварзӣ, муҳити зист ва дар маҷмӯъ, ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ хисороти зиёд ворид менамоянд. Тоҷикистон низ, ки 93 фоизи қаламраваш кӯҳсор мебошад, бинобар мунтазам рух додани офатҳои табиӣ аз тағйирёбии иқлим осеблазир аст.

Офатҳои табиӣ ҳамасола ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба маблағи садҳо миллион доллари амрикоӣ зарар расонида, мутаассифона, дар бисёр мавридҳо боиси талафоти зиёди ҷонӣ низ мегарданд.

Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряхҳо ва коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо дар манотиқи гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ, гардида истодааст. Ин раванд ба бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, саноат ва кишоварзӣ, таъсири манфӣ мерасонад.

То имрӯз аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, ки сарчашмаи асосии оби ошомиданӣ дар минтақа мебошад, зиёда аз як ҳазораш пурра об шуда, суръати обшавии онҳо рӯ ба афзоиш аст. Ин дар ҳолест, ки боришот ва пиряхҳои Тоҷикистон то 60 фоизи манбаи ташаккулёбии захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд.

Зимнан бо ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби СММ эълон гардидани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» барои рушди ҳамкории тарафҳои манфиатдор заминаи муносибро фароҳам меорад.

Тибқи қарори мазкури Маҷмаи умумӣ, ҳамчунин, 21 март ҳар сол ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» муқаррар гардида, таҳти сарпарастии Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид «Фонди мақсаднок оид ба ҳифзи пиряхҳо» таъсис ёфтааст.

Дар ин замина, соли оянда дар шаҳри Душанбе Конфронси аввалини сатҳи баланд оид ба масъалаи пиряхҳо баргузор мегардад.

Бо истифода аз фурсат, аз кишварҳо ва созмонҳои шарик даъват менамоем, то дар кори ин конфронс ба таври фаъол ширкат варзанд ва саҳм бигиранд.

Мо бар он назарем, ки ин ҳамоиши муҳими байналмилалӣ, ки дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ва Созмони ҷаҳонии метеорологӣ доир мегардад, ҷиҳати арзёбии мушкилоти глобалии пиряхҳо ва дарёфти роҳҳои мушаххаси ҳалли онҳо нақши муассир хоҳад бозид. Ҳамзамон бо ин, мо аз ҳамаи шарикон даъват ба амал меоварем, ки саҳми молиявии худро дар «Фонди байналмилалии мақсаднок оид ба ҳифзи пиряхҳо» фаъолона гузоранд.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон дар идомаи пешбурди рӯзномаи ҳифзи пиряхҳо якҷо бо Фаронса ташаббуси навбатиро оид ба эълони солҳои 2025-2034 ҳамчун «Даҳсолаи амал барои илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ)» пешниҳод кард.

Кишвари мо бар асоси уҳдадориҳои байналмилалии худ, аз ҷумла бар пояи муқаррароти Созишномаи Париж, «Стратегияи миллӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим то соли 2030»- ро қабул намудааст.

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои ҳалли муваффақонаи мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим рушди «иқтисоди сабз» мебошад, ки дар навбати худ зарурати рушди «энергияи сабз»-ро ба миён меоварад.

Бо дарназардошти ин воқеият кишвари мо «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023-2037»-ро қабул ва мавриди татбиқ қарор додааст.

Ҳоло мо 98 фоизи неруи барқро аз ҳисоби захираҳои гидроэнергетикии кишвар истеҳсол мекунем ва аз рӯи ҳиссаи тавлиди «энергияи сабз» аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамоем. Ҳадаф аз татбиқи нақшаҳои мо дар ин самт то соли 2037 ба «кишвари сабз» табдил додани Тоҷикистон мебошад.

Имрӯз барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва паст кардани шиддати таъсири манфии он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Умед дорем, ки давлатҳои пешрафта, Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои тахассусии он, ниҳодҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ин масъалаҳои мубрам минбаъд низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир хоҳанд кард.

Мо бовар дорем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад тавассути густариш додани муколамаи боэътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории созанда ба татбиқи усулу ҳадафҳои умумии худ ноил гардад.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР «РОҒУН»

(Идома аз саҳ. 2)

27-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо рафти корҳои сохтмонӣ дар сарбанди Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуданд.

Дар ин ҷой аз сатҳи баҳр дар баландии 1140 метр то 1300 метр корҳои таркишию хокбарорӣ, ки ҳаҷми умумии лоиҳавии он 880 ҳазор метри мукааб мебошад, пурра анҷом ёфтааст.

Насби лангарҳои оҳанин 80 фоиз, лангарҳои фишордор - 85 ва корҳои арматурбандию бетонхобонӣ 81 фоиз иҷро шудааст.

Ҳоло корҳои мустаҳкамкунӣ дар болои обқабулкунандаҳои доимӣ аз рӯйи лоиҳа идома дошта, ҳадафи коргарону мутахассисон ба иҷрои босифати нишондодҳо равона карда шудааст. Ҳаҷми умумии корҳои бетонхобонӣ дар ин мавзеъ 55 ҳазор метри мукаабро дар бар мегирад, ки то имрӯз 80 фоиз иҷро шудааст.

Дар минтақаи ядрои сарбанд кор ба таври шабонарӯзӣ дар ду баст идома дошта, ҳамарӯза зиёда аз 160 техникаю механизмҳои пуриқтидор сафарбар карда мешавад. Танҳо дар минтақаи ядрои сарбанди неругоҳ наздики 400 нафар машғули коранд.

Дар ядрои сарбанди неругоҳ шаш намуди маводи асосии сохтмонӣ мувофиқи технология қабат ба қабат хобонида шуда, ҳамарӯза сифати кор санҷида мешавад.

Ҳоло хобонидани мавод, аз ҷумла гилхок ва филтрҳо дар ядрои сарбанд дар сатҳи 1013 метр аз сатҳи баҳр идома дорад. Ҳаҷми лоиҳавии гилхок дар ядрои сарбанд 7,5 миллион метри мукааб пешбинӣ гардидааст ва то имрӯз зиёда аз 561 ҳазор метри мукааб хобонида шудааст.

Дар минтақаи ядрои сарбанд давоми сол дар маҷмӯъ, 21 миллион метри мукааб маводи гуногуни сохтмонӣ хобонида шудааст. Дар як рӯз ба ҳисоби миёна сарбанди неругоҳ тақрибан 50 сантиметр баланд бардошта мешавад.

Имсол сатҳи об дар обанбор 5 метр баланд бардошта шуда, ба 1075 метр баробар гардидааст.

Баландии лоиҳавии сарбанди Неругоҳи барқи обии «Роғун» 335 метрро ташкил медиҳад, ки баланд-тарин садди чунин навъ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Қабатҳои назди кӯҳ мувофиқ ба талаботи технологӣ мустаҳкам карда мешавад. Дар минтақаи ядрои сарбанд корҳои сементрезӣ ва мустаҳкамкунандаи паҳлуҳои чап ва рости кӯҳ то сатҳи 1110 метр бо шумораи 5093 чоҳ идома дошта, то имрӯз 1800 чоҳ парма ва сементрезӣ шудааст.

мошинҳои боркаш ба қитъаҳои сарбанд хобонда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносӣ бо ҷараёни корҳо дар сарбанди неругоҳ таваҷҷуҳи коргарону мутахассисонро ба иҷрои босифати сохтмон, риояи талаботи лоиҳавӣ, босифат ба анҷом расонидани кор ва тезонидани раванди сохтмон ҷалб намуданд.

27-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар майдончаи назоратии рӯди Оби Шӯри Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо ҷараёни корҳои тозакунии сангу шағал дар сарбанди ҳимоявӣ шинос шуданд.

Сарбанди ҳимоявӣ бо мақсади пешгирӣ аз хатари селу обхезӣ дар Оби Шӯр, ки ҳар сол дар мавсими боронгарӣ ба вуқӯъ меояд, бунёд карда шудааст.

Зимни шиносӣ аз раванди фаъолият дар сарбанди ҳимоявии Оби Шӯр ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки тоза намудани пешдарғоти сарбанд бо истифода аз 70 нақлиёти соҳавии пуриқтидор ва бо ҷалби 100 нафар мутахассисони маҳаллӣ сурат мегирад.

Барои дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани иқтидори ҳимоявии сарбанд, тоза намудани сангу шағал ва дигар селовардҳо дар ҳаҷми 350 ҳазор метри мукааб зарур аст ва то имрӯз корҳои иҷрошуда 50 ҳазор метри мукаабро ташкил менамояд.

Ёдовар мешавем, ки сарбанди ҳимоявии Оби Шӯр дар масофаи 1500 метр болотар аз соҳили дарё дар баромадгоҳи нақбҳои обпартои неругоҳ сохта шудааст. Бунёди он вуруди сангҳои гаронвазн ба нақбҳои обпартои неругоҳро пешгирӣ намуда, ба таъмини фаъолияти муназзами иншооти аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун» мусоидат менамояд.

Дар ҳамин ҷо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади бунёди иншооти нави ҳимоявӣ дар шохобҳои болоии Оби Шӯр мутахассисон корҳои омӯзиширо оғоз ҳоҳанд кард.

Дар сурати анҷоми корҳои таҳқиқотӣ ва муайян намудани минтақаҳои мувофиқ аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ сохтмони иншооти иловагии ҳимоявӣ оғоз мегардад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро барои гузаронидани омӯзишҳои дақиқ вазифадор карда, аз ҷумла таъкид доштанд, ки иҷрои босифати корҳо дар ҳама мавзеъҳои неругоҳ касбият, масъулият ва садоқати воқеӣ ба миллату давлатро собит мекунад.

Азбаски нақши муассир гузоштан дар бунёди НБО «Роғун», ки бузургтарин мактаб дар самти омодасозии мутахассисони соҳаи гидроэнергетикӣ маҳсуб меёбад, қадами бузург дар роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини зиндагии шоистаи ҳар фарди Ватан хоҳад буд.

27-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар идомаи боздид аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо рафти кор дар нақбҳои обрави агрегатҳои №3 ва №4-и обқабулкунандаи доимӣ дар сатҳи 1152 метр аз сатҳи баҳр шинос шуданд.

Корҳо дар деворҳои болоии иншооти мазкур, аз қабили таркишию хокбарорӣ ва сементрезию мустаҳкамгардонӣ, инчунин, дохили нақбҳои обгузор аз тарафи мутахассисони ватанӣ анҷом дода мешавад.

Иттилоъ дода шуд, ки то ин замон иҷрои корҳои нақбканӣ ва мустаҳкамкорӣ дар ин нақбҳо ба анҷом расонида шуда, иҷрои корҳои сементрезӣ ва мустаҳкамкунӣ идома дорад.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамзамон, бо ҷараёни фаъолияти хати конвейерии Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуданд.

Дар қитъаҳои муайяни Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ, иншооти алоҳида бунёд шудааст, ки хатти конвейерӣ аз ҷумлаи онҳо мебошад. Дар маҷмӯъ, дар ин қитъаи сохтмонӣ 70 нафар дар ду баст фаъолият намуда, барои анҷоми корҳои сохтмонӣ беш аз 30 техника ҷалб карда шудааст.

Дар марҳилаи аввал ашёи хом дар конҳо ва қитъаҳои муайяни иншоот тавассути техника ва таҷҳизоти пуриқтидор коркард мешавад.

Бо истифода аз чунин технологияи замонавӣ коргарони муҳандисию техникӣ метавонанд, ки дар як соат то 3500 тонна маҳсулотро омода ва ба воситаи хати конвейерӣ ба сарбанди неругоҳ интиқол диҳанд. Таъкид гардид, ки ду қисмати борфарории хати конвейерӣ дар биефи поёнии сарбанд дар сатҳи 1090 метр ҷойгир аст.

Маҳсулоти сохтмонӣ ба воситаи хати конвейерӣ то биефи поёнӣ интиқол дода шуда, ба воситаи дастгоҳи коркарди гилхок аз 50 то 100 тоннаро дар як соат ташкил медиҳад. Чун дигар қитъаҳои сохтмонӣ коргарону мутахассисони соҳибтахассус бо истифода аз мошину механизмҳои муосир коркард ва захираи гилхокро дар кони рақами 17 бо сатҳу сифати баланд ба анҷом мерасонанд. То ҳол дар кони мазкур 1,5 миллион метри мукааб гилхок коркард ва захира гардидааст.

Гилхоки коркардшуда дар ядрои сарбанди неругоҳ бо мақсади мустаҳкамнамоӣ ва обногузар намудани он истифода карда мешавад. Мувофиқи лоиҳа ҳаҷми гилхок дар ядрои сарбанд 7,5 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад ва то сатҳи 1110 метр 3,35 миллион метри мукааб хобонида мешавад.

Тибқи талабот ва меъёрҳои сохтмонӣ баъди ба анҷом расидани корҳои бетонӣ дар ядрои сарбанд хобонидани гилхок моҳи июни соли равон аз сатҳи 984 метр шурӯъ гардид. Ҳоло дар кон 67 мошини

боркаш бо иқтидори вазнбардории аз 40 то 90 тонна ба кашонидани гилхок то минтақаи ядрои сарбанд машғул аст.

Иттилоъ дода шуд, ки аз моҳи июн то имрӯз аз кони рақами 17 дар ядрои сарбанд 350 ҳазор метри мукааб гилхок хобонида шудааст. Ҷиҳати коркард ва захираи гилхок ҳоло дар кони рақами 17-ум 270 нафар мутахассисон дар ду баст шабонарӯзӣ заҳмат мекашанд.

Аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» барои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар қитъаҳои гуногуни неругоҳ зиёда аз 6 ҳазору 200 нафар кормандону муҳандисон ва беш аз 950 техникаю механизмҳои муосир ба кор ҷалб шудааст.

Мавриди таъкид аст, ки корҳои фаъолияти босифат дар ин иншоот аср ҳидоят намуданд.

Дар идома Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рафти корҳо дар обқабулкунандаҳои доимии сатҳи 1300 метр аз сатҳи баҳр дидан намуданд.

Тавре гуфта шуд, сифати корҳо дар ин қитъа ҷавобгӯи талабот буда, тамоми тадбирҳои бунёдӣ, шурӯъ аз омодасозии мавзеъ то ба бетонрезиву лангарбандии сақфу деворҳо ва дигар корҳо, бо низоми хоси сохтмонӣ аз рӯи стандартҳои бехатарии муҳандисӣ амалӣ карда мешаванд.

Афзоиш додани истеҳсоли барқ барои таъмини рушди муназзаму устувори иқтисоди миллӣ, қонеъ гардонидани талаботи рӯз ба рӯз афзояндаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва аҳолии кишвар ба он аз ҷумлаи заруратҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Бо бунёди ин неругоҳи бузург дар баробари аз байн рафтани норасоии неруи барқ, инчунин, рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардонидани ҳаёти иҷтимоии мардум, заминаи устувор фароҳам мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносӣ бо раванди корҳо бо қаноатмандӣ иброз доштанд, ки бо заҳмати содиқонаи бунёдгарони иншооти муҳими аср дар ин қитъаи сохтмонӣ корҳо хеле пеш рафтаанд.

Корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» тибқи нақша бо сатҳу сифати баланд идома дошта, бунёдгузорони ин кохи нур ба таври шабонарӯзӣ заҳмат мекашанд, то дар рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳм гузоранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ҷараёни кор дар шахтаҳои амудии дарвозаҳои обқабулкунандаи доимиро, ки дар баландии 1290 метр аз сатҳи баҳр қарор доранд, мушоҳида намуданд.

Дар ин ҷо ба Пешвои миллат корҳои бетонхобонӣ дар ин шахтаҳо, ки тавассути дастгоҳи махсус ба роҳ монда мешавад, муаррифӣ карда шуд.

Аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки дар шахтаҳои амудӣ корҳо босуръат ҷараён дошта, дар сохтмон маҳсулоти босифат истифода мешавад.

Мавриди таъкид аст, ки бо иродаи қавӣ ва сиёсати дурандешонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» идома дошта, мутахассисону кормандон барои саҳм гузоштан ба ояндаи дурахшони Ватани соҳибистиқлол ва яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ дилгармона талош менамоянд

27-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз раванди корҳо дар кони рақами 17-и иншооти бузургтарини гидроэнергетикии аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуданд.

Дар кони рақами 17 маводи гилхок тавассути ҳашт дастгоҳи муосир ва се корхонаи ширкати паймонкори Лоти 2 «Вибилд» бо ҷалби мутахассисони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» коркард ва захира карда мешавад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки барои коркарди гилхок дар чор қитъаи кони рақами 17 дастгоҳу таҷҳизоти муосир гузошта шудааст, ки тавассути онҳо ин мавод бо андозаҳои 0-20, 0-50 ва 0-200 миллиметр истеҳсол карда мешавад.

Иқтидори лоиҳавии ҳар як дастгоҳи коркарди гилхок аз 50 то 100 тоннаро дар як соат ташкил медиҳад. Чун дигар қитъаҳои сохтмонӣ коргарону мутахассисони соҳибтахассус бо истифода аз мошину механизмҳои муосир коркард ва захираи гилхокро дар кони рақами 17 бо сатҳу сифати баланд ба анҷом мерасонанд. То ҳол дар кони мазкур 1,5 миллион метри мукааб гилхок коркард ва захира гардидааст.

Гилхоки коркардшуда дар ядрои сарбанди неругоҳ бо мақсади мустаҳкамнамоӣ ва обногузар намудани он истифода карда мешавад. Мувофиқи лоиҳа ҳаҷми гилхок дар ядрои сарбанд 7,5 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад ва то сатҳи 1110 метр 3,35 миллион метри мукааб хобонида мешавад.

Тибқи талабот ва меъёрҳои сохтмонӣ баъди ба анҷом расидани корҳои бетонӣ дар ядрои сарбанд хобонидани гилхок моҳи июни соли равон аз сатҳи 984 метр шурӯъ гардид. Ҳоло дар кон 67 мошини боркаш бо иқтидори вазнбардории аз 40 то 90 тонна ба кашонидани гилхок то минтақаи ядрои сарбанд машғул аст.

Иттилоъ дода шуд, ки аз моҳи июн то имрӯз аз кони рақами 17 дар ядрои сарбанд 350 ҳазор метри мукааб гилхок хобонида шудааст. Ҷиҳати коркард ва захираи гилхок ҳоло дар кони рақами 17-ум 270 нафар мутахассисон дар ду баст шабонарӯзӣ заҳмат мекашанд.

Аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидроэлектромонтаж» барои сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар қитъаҳои гуногуни неругоҳ зиёда аз 6 ҳазору 200 нафар кормандону муҳандисон ва беш аз 950 техникаю механизмҳои муосир ба кор ҷалб шудааст.

Мавриди таъкид аст, ки корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти гидроэнергетикии кишвар лаҳзае қатъ нагардида, бунёдгузорони Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо ҳисси баланди ватандӯстӣ, садоқату мардонагӣ ва азму иродаи устувор шоҳкорӣ менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти назарраси коргарону мутахассисон дар кони рақами 17 дар самти коркард ва захираи гилхок изҳори қаноатмандӣ намуда, барои омодасозии босифати гилхок, таъмини саривақтии минтақаи ядрои сарбанд бо он ва таҳкими раванди корҳои сохтмонӣ ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

27-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни боздид аз иншооти НБО «Роғун» ба толори мошинҳо ташриф оварданд.

Нахуст Пешвои миллат аз чархи кории доимӣ, ки ҳоло дар майдончаи васлгарӣ гузошта шудааст, дидан намуданд. Иттилоъ дода шуд, ки ин чархи корӣ барои иваз намудани чархи кории агрегатҳои муваққатии 5 ва 6 дастрас шудааст ва баъди анҷом ёфтани ин кор тавониои ҳар яке аз 200 ба 400 мегаватт баланд бардошта мешавад.

Ҳоло кормандону мутахассисон бо азму иродаи қавӣ ва бо умеди ояндаи боз ҳам дурахшони Тоҷикистон корҳои бунёду васлгариро дар дигар агрегатҳои неругоҳ суръат бахшида истодаанд.

Дар кратери агрегати рақами 4 статори турбина бо вазни умумии 269 тонна, камераи спиралӣ бо вазни умумии 200 тонна насб гардидааст.

Зимни боздиди Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълум гардид, ки дар атрофи зонуқубур, конус ва камераи спиралӣ вазни арматураи басташуда 380 тонна ва бетони хобондашуда 9 ҳазору 579 метри мукаабро ташкил медиҳад.

Анкерҳои таҳкурсии сервомоторҳои дастгоҳҳои самтдиҳанда насб карда шуда, корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонӣ идома дорад. Дар кратори агрегати рақами 3 зонуқубур ва конуси қубури ҷабанда гузошта шуда, корҳои арматурбандӣ ва бетонгирӣ то сатҳи 948 метр амалӣ гардидааст.

Дар қисмати горизанталии қубури ҷабандаи гидроагрегатҳои 3 ва 4 корҳои сохтмонӣ идома дошта, зонуқубур ва конуси қубури ҷабандаи гидроагрегати рақами 2 дар кратери гидроагрегат гузошта шуд.

Корҳои арматурбандӣ ва бетонхобонии атрофи зонуқубур ва конуси қубури ҷабандаи гидроагрегати 2 то сатҳи 948 расида, васли зонуқубури ҷабандаи гидроагрегати рақами 1 дар сатҳи 948 метр баробар гардида, дар байни кратерҳои гидроагрегатҳои рақами 2 ва 3 идома дорад.

Ҳоло дар кратери гидроагрегати рақами 1 корҳои сохтмонӣ ҷараён дошта, кандани ҷинсҳои кӯҳӣ то сатҳи 247 метр иҷро шудааст.

Лозим ба таъкид аст, ки ҳар як сафари кории Пешвои миллат ба ин иншооти азими энергетикӣ ба кормандону муҳандисон неруи тоза мебахшад ва онҳо дар тезонидани бунёди НБО «Роғун» бо масъулият ва ҳисси баланди ватандӯстӣ саҳм мегузоранд.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани агрегатҳои навбатии неругоҳ дар самти татбиқи ҳадафи стратегии Тоҷикистон - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта мешавад.

Дар ин ҷо ба Пешвои миллат доир ба фаъолияти ду агрегати нахустини неругоҳ маълумот дода шуд. Тибқи иттилоъ агрегатҳои 5 ва 6 аз ибтидои фаъолият то ин ҷониб 7,6 миллиард киловатт/ соат неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза истеҳсол ва ба системаи энергетикии кишвар интиқол додаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносӣ бо ҷараёни корҳо дар толори мошинҳо, ки яке аз иншооти асосии НБО «Роғун» ба шумор меравад, сифати корҳои сохтмониро баланд арзёбӣ намуда, баҳри вусъат бахшидани корҳои боқимонда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

27-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷараёни корҳои насби қубурҳои обрасон дар нақби турбинии мавзеи агрегати рақами 4-и Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуданд.

Дар нақби турбинии мавзеи агрегати мазкур корҳои нақбканӣ, мустаҳкамкунӣ ва сементрезӣ ба анҷом расидааст. Дарозии қисмати горизонталии нақби турбинии мавзеи агрегати рақами 4-ум 48 ва баландии шахтаи амудии он 206 метрро ташкил медиҳад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки то имрӯз дар нақби мазкур ба масофаи 64 метр оҳанфилизот насб гардидааст, ки 517,4 тоннаро ташкил менамояд.

Ин нақб ҳамчун нақби обрасон аз шахтаи вертикалии сатҳи 1 ҳазору 152 метри обқабулкунаки асосӣ то ба агрегати рақами 4 хизмат мекунад. Қутри нақб 7 ва дарозиаш 459 метрро ташкил менамояд.

Васлу насби оҳанфилизоти обрасон дар нақби турбинии агрегатҳои 3 ва 4 аз ҷониби муҳандисону кормандони ватанӣ бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида мешавад.



Ҳоло дар нақби турбинии рақами 3 қисмати оҳанфилизот барои васлу насб омода гардида, дарозии он 16 метр ва вазни умумиаш 141 тоннаро дар бар мегирад.

Лозим ба ёдоварист, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дошта, дар рушди иқтисоди миллӣ ва боз ҳам баланд гардидани сатҳу сифати баланд ба анҷом расонидани сатҳу сифати зиндагии мардум саҳми бузург мегузорад.

Зимни шиносӣ бо рафти корҳои сохтмонӣ дар нақби мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муҳандисону коргарон ҷиҳати сари вақту бо сифати баланд анҷом додани корҳои боқимонда супоришҳои мушаххас доданд.

www.prezident.tj

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ КВД «ТОҶИКСУҒУРТА» БА САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023

MOORE

LLC Moore Stephens
Address: 24 A, Ayni str, 307
Dushanbe, Tajikistan

T [44] 601 52 52
[44] 601 53 53

www.moore.tj
info@moore.tj

ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба роҳбарияти КВД "Тоҷиксуғурта"

Ақида бо Тавзеҳот

Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи КВД "Тоҷиксуғурта" (минбаъд-"Ташкилот"), ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2023, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст, гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом расида ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва шарҳҳои ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Ба **ақидаи** мо,ба истиснои таъсири ҳолатҳои имконпазири дар қисмати асос барои изҳори ***Ақида бо Тавзеҳот*** оварда шудааанд, ҳисоботи молиявии мазкур аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии Ташкилотро ба санаи 31-уми декабри соли 2023, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад, дар мутобиқат бо Стандартҳои ҳисоботи молиявии байналмилалӣ (СҲМБ) дуруст инъикос менамояд.

Асос барои изҳори Ақида бо Тавзеҳот

1. Барӯйхатгирии солонаи захираҳои моддию молӣ

Мо диққати шуморо ба моддаи "Захираҳои моддию молӣ" дар тавозуни Ташкилот нишондодашуда ҷалб менамоем. Ҳамчун аудитор имкони мушоҳидаи гузаронидани инвентаризатсияи молу маводҳои анбори Ташкилотро дар соли ҳисоботии 2023 надоштем, зеро шартномаи хизматрасонии аудитори пас аз соли ҳисоботӣ ба имзо расонида шудааст. Татбиқи расмиёти алтернативии аудит, барои муайян кардани моддаи "Захираҳои моддию молӣ" - Ташкилот дар санаи 31 декабри соли 2023 ғайриимкон аст.

2. Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

Мо диққати шуморо ба шарҳи 11 "Воситаҳои асосӣ" ҷалб менамоем, ки Ташкилот ҳангоми ҳисоб намудани хӯрдашавии воситаҳои асосӣ Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «12» феврали соли 2014 таҳти № 24 дар бораи "Меъёрҳои ҳисоби истеҳлоки (хурдашавии) воситаҳои асосӣ дар ҶТ" ва моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» - ро истифода накардааст. Гурӯҳи аудиторон вобаста ба баҳияи аслии воситаҳои асосӣ шубҳа дошта дурусти баҳияи аслии воситаҳои асосиро тасдиқ наменамояд.

3. Захираҳо

Мо диққати шуморо ба шарҳи 16 ва 17 "Захираҳои ҳисобшуда" ҷалб менамоем, ки Ташкилот дар мавриди ташкилкунии захираҳо оид ба зарари суғуртавӣ аз рӯи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 94 аз 28 феврали соли 2015 "Дар бораи тартиб ва меъёрҳои тарҳҳои ҳиссачудкуниҳо ба фондҳои захиравии суғурта" амал мекунад. Сарфи назар аз он ки Ташкилот захираро мутобиқи Қарори Ҳукумат ташкил намудааст, ба ақидаи мо захираҳои ташкилшуда ба талаботи Қарори мазкур мутобиқат намекунанд.

MOORE

Банди шарҳдиҳанда

1. Маблағҳои дар бонкҳо

Ташкилот нисбат ба маблағҳои дар қисмати дороиҳои Ташкилот, ки бештар аз як сол дар бонкҳои муфлисшуда нигоҳ дошта шудааанд, чораандешӣ нанамудааст.Тибқи талаботи СБҲМ 9 (IFRS) "Воситаҳои молиявӣ" аз ҷониби Ташкилот барои маблағҳои беэътимод захира ташаккул дода мешуд.Гурӯҳи аудиторон расмиёти мазкурро амалӣ намуда,захира барои маблағҳои беэътимодро ташаккул дода, дар ҳисоботи молиявӣ тағйирот ворид намуд.

2. Бақияи ибтидои

Мо расмиёти аудити ибтидоии худро оид ба ҳисоботи вазъи молиявии ширкат ба санаи 31 декабри соли 2023 анҷом додем, аз сабаби он ки ҳисоботи молиявӣ дар муқоиса ба бақияи ибтидоии ҳисоботи молиявӣ соли 2022 ҳисобида мешавад, мо ақидаи худро нисбати дурустии ҳисоботи молиявӣ Ташкилот ба ҳолати 31 декабри соли 2022 изҳор наменамоем.

Мо аудитро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудит (минбаъд - «СБА») гузаронидем. Уҳдадориҳои мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисмати "Масъулияти аудиторон" оварда шудааанд. Мувофиқи Кодекси этикии ҳисобдорони касбӣ,ки аз ҷониби Шурои стандартҳои байналмилалии этикӣ барои ҳисобдорон таҳия шудааст, мо ягон алоқамандӣ ба Ташкилот надорем ва ҳамчунин аз ҷониби мо қоидаҳои дигари этикӣ мувофиқи стандартҳои дар боло овардашуда риоя гардидаанд. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст овардашуда ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд.

Масъулияти роҳбарият барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ

Роҳбарияти Ташкилот барои тайёр намудан ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии мазкур дар мувофиқа бо Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ масъулиятро ба дӯш дорад. Масъулияти мазкур иборат аст аз: коркардбарӣ, ҷорӣ сохтан ва дастгирӣ намудани низоми назорати дохилӣ бо мақсади таъмини шароити мусоид бахри дуруст тайёр ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ, ки холӣ аз хатогиҳои назарраси дар натиҷаи аз рӯи виҷдон кор накардан ва ё хатогиҳои тасодуфӣ рухдода ба амал омадааанд, интихоб ва ҷорӣ намудани сиёсати ҳисобдории муносиб, инчунин истифода бурдани баҳодиҳии муҳосибии асосноки мувофиқ ба мавридҳои мавҷуда.

Масъулияти аудиторон барои аудити ҳисоботи молиявӣ

Мақсади мо ба даст овардани боварии кофӣ, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои мусолиҳакорона надорад ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ, ки изҳори ақидаи моро дар бар мегирад.

Боварии кофӣ ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳама вақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас, ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусолиҳакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравад, агар бо асос тахмин карда шавад, ки дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯъ онҳо ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молиявӣ қабул кардашаванда таъсир расонанд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо мулоҳизаҳои касбиро қабул менамоем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тамоми муҳлати санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо амалҳои зеринро иҷро менамоем:

MOORE

- хатарҳои таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявиро дар натиҷаи амалҳои мусолиҳакорона ва ё хатогиҳо ошкор ва баҳогузорӣ менамоем;
- далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи амали мусолиҳакорона ба вуҷудомада назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои мусолиҳакорона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;
- хусусияти дахлдори сиёсати баҳисобгирӣ ва асосноки баҳогузории муҳосиботӣ ва ошкорнамоии дахлдори маълумоти аз тарафи роҳбарият омодашударо баҳогузорӣ менамоем;
- дар бораи системаи назорати дохилии марбут ба аудит бо мақсади таҳияи қоидаҳои аудити дар шароитҳо мувофиқ, вале на бо мақсади изҳори фикру мулоҳиза дар бораи самаранокии низоми назорати дохилии аудитор;
- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии ҷиддӣ вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи ҷиддӣ дар қобилияти Ташкилот оид ба давом додани фаъолияти бефосила ба вуҷуд ояд, вуҷуд дорад ё не, хулоса мебарорем. Агар мо вобаста ба мавҷуд будани номуайянии ҷиддӣ ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале ҳодисаҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Ташкилот қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи худро гум намояд;
- ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосибӣ умуман, таркиб ва мазмуни он, бо назардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо ва воқеаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосибӣ ва таъмини боэътимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.

Мо ҳамкории мутақобилаи маълумотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва муҳлати аудити банақшагирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои ҷиддӣ оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла камбудиҳои ҷиддии низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Саидов С.М., Директор

ҶДММ «Моор Стивенс»
Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон
№0000004 аз 06 июли с.2020

КВД «ТОҶИКСУҒУРТА»

ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023
(бо ҳазор сомонӣ)

	Шарҳ	2023	2022
ДОРОИҲО			
Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо	6	1 716	2 249
Молҳо (ЗММ)	7	1 223	1 081
Қарздории дебитории муассисаҳои фаръӣ	8	-	9 647
Дигар қарздории дебиторӣ	9	2 000	-
Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда	10	3 030	-
Воситаҳои асосӣ	11	25 834	26 730
Амонатҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳо	12	13 362	9 832
Сармоягузориҳо	12	4 701	4 607
Дигар дороиҳо	13	1 516	2 466
ҲАМАГӢ ДОРОИҲО		**53 382**	**56 612**
УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ			
УҲДАДОРИҲО			
Қарздориҳои кредиторӣ	14	3	396
Андозҳо барои пардохт	15	1 311	1 502
Захираҳои суғуртавии мукофотҳои азхуднагардида	16	8 621	23 335
Захираҳои суғуртавӣ барои рӯйпӯши зарар		1 141	8 071
Захираҳои чорабиниҳои огоҳкунанда		1 126	5 662
Захираи суғуртаи ҳаёт		1 008	1 010
Дигар захираҳо	17	-	4 878
Захираҳо аз рӯи суғуртаи ҳаёт		3 328	2 889
ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО		**16 538**	**47 742**
САРМОЯ			
Сармояи оиномавӣ	18	10 000	6 200
Сармояи захиравӣ		21 820	-
Фоидаи тақсимнашуда		5 025	2 670
ҲАМАГӢ САРМОЯ		**36 845**	**8 870**
ҲАМАГӢ УҲДАДОРӢ ВА САРМОЯ		**53 382**	**56 612**

Аз номи роҳбарият:

Мақсудзода Ш.
Директори генералӣ

Чилаев А.Т.
Сармуҳосиб

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	№ ДИО	Ташкилоти харидор	Мавзуи харид	Усули харид	Навъи харид	Миқдори номгӯй	Санаи анҷоми қабули дархостҳо
1	425092	Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон	Таъмири ҷории бинои Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон	Озмуни кушод	Кор	1	04.10.2024 16:10:00
2	425103	Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Идомаи корҳои сохтмонию васлкунии бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар ноҳияи Данғара	Озмуни кушод	Кор	1	07.10.2024 14:55:00
3	425093	Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон	Бензини АИ 92	Озмуни кушод	Мол	1	15.10.2024 20:15:00
4	425094	Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хоруғ	Анализатори рахи иммунии ферментӣ барои таҳлили иммунии ферментҳои сироятҳо, аломатҳои варамҳо, гормонҳо ва ғаддуди сипаршакл, функсияи репродуктивӣ, эндокринология, аллергия, ҳомиладорӣ, бемориҳои аутоиммунӣ ва системавӣ	Озмуни кушод	Мол	1	16.10.2024 09:00:00
5	425098	Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	Маводи хоҷагидорӣ, сарулибоси корӣ, пойафзоли корӣ, соатҳои рӯи мизӣ, таҷҳизоти коғазмайдакунак ва мотороллери барқӣ	Озмуни кушод	Мол	47	16.10.2024 10:20:00
6	425087	Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат	Корбарӣ дар самти ободонии атрофи кӯчаи Хуросони шаҳри Ваҳдат	Озмуни кушод	Кор	1	16.10.2024 11:01:26
7	425097	Муассисаи таҳсилоти томактабии №12 «Фариза»-и шаҳри Панҷакент	Хӯрокворӣ барои эҳтиёҷоти муассисаи таҳсилоти томактабии №12 «Фариза»-и Панҷакент	Озмуни кушод	Мол	33	16.10.2024 11:11:11
8	425096	Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод	Ангишт ва ҳезум	Озмуни кушод	Мол	2	16.10.2024 11:18:39
9	425091	Беморхонаи марказии ноҳияи Зафаробод	Доруворӣ ва молҳои тиббӣ барои эҳтиёҷоти Беморхонаи марказии ноҳияи Зафаробод	Озмуни кушод	Мол	102	16.10.2024 11:50:50
10	425099	Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳристон	Масолеҳи сохтмонӣ, рахти хоб, техникаи маишӣ ва техникаи идоравӣ барои эҳтиёҷоти Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳристон	Озмуни кушод	Мол	12	16.10.2024 11:50:50
11	425101	Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинаталогии Ҷумҳурии Тоҷикистон»	Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинаталогии Ҷумҳурии Тоҷикистон»	Озмуни кушод	Кор	1	16.10.2024 13:00:00
12	425102	Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино	Васл ва насб намудани хати оптикӣ аз Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» ба «ОМИТ»-и донишгоҳ	Озмуни кушод	Хизмат-расонӣ	1	16.10.2024 13:50:00
13	425095	Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе»	Намаки техникӣ	Озмуни кушод	Мол	1	16.10.2024 14:14:14

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://eprocurement.gov.tj баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал мурочиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл» ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то **вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати *муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад*.

Суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

ЗАПРОС НА ПОДАЧУ ЦЕНОВЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

Проект готовности и устойчивости к стихийным бедствиям в Таджикистане

Номер гранта МАР: D9780-TJ

Идентификатор проекта: P177779

Название задания: ***Закупка беспилотных летательных аппаратов для картирования зон повышенного риска для Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан.***

Номер ссылки: COE/TPRDP/G-RFQ-08.

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка на покрытие стоимости «Проекта готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намерена направить часть средств на оплату по контракту на закупку беспилотных летательных аппаратов для картирования зон повышенного риска для Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан.

Группа реализации проекта (ГРП) «Проекта готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» настоящим приглашает поставщиков предоставить ценовые предложения на поставку беспилотных летательных аппаратов для картирования зон повышенного риска для Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан и сопутствующих услуг, описанных в требованиях покупателя, приложенном к Запросу цен.

Торги будут проводиться методом запроса ценовых предложений (RFQ), как указано в «Правилах закупок для заемщиков ИПФ» Всемирного банка от июля 2016 года, пересмотренных в ноябре 2020 года («Правила о закупках»), и открыты для всех правомочных поставщиков, как это определено в Положениях о закупках.

Внимание заинтересованных поставщиков обращается на пункт 3.14 Положения, в котором указано, что у фирм и физических лиц, участвующих в закупках в рамках финансирования инвестиционных проектов Банка, не должно быть конфликта интересов.

Ценовые предложения должны быть представлены в Группу реализации проекта (ГРП) в письменном виде на русском языке не позднее *17⁰⁰ часов 10 октября 2024 года* (лично, по почте, факсу или электронной почте) по нижеуказанному адресу.

Запрос на подачу ценовых предложений установленной формы с инструкцией, формами и требованиями для предоставления ценового предложения можно получить по нижеследующей ссылке:

https://cloud.mail.ru/public/gyQo/Wwi4emu7S

За дополнительной информацией вы можете обратиться по тому же адресу в рабочее время с 9-00 до 17-00 с понедельника по пятницу.

Адрес: Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта, 734013, г. Душанбе, ул. Лохути 26, Республика Таджикистан.

Тел: (+992 37) 221-91-19, 223-13-11 / моб. 880-00-28-28.

Электронная почта: coordinator@coescd.tj, ps@coescd.tj

ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа соли 2023 ба Асоев Асомиддин Қудратуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи №28 аз 15-уми июли соли 2015 оид ба ҳиссагузорӣ дар бунёди бинои баландошёнаи истиқоматӣ, ки байни ҶДММ «Сохтмонқалъа» ва Абдуқаюмов Рустамҷон бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи А. Юсуфӣ, ошёнаи 6, бо масоҳати 54,7 м² баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Наҷмудинова Дилбар Маҳмадҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми октябри соли 2008 таҳти феҳрасти №1Ш-1242 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, (собиқ Киров), бинои 15, хонаи 6, ба Абдулхаков Низомеддин Джамалович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши бино, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 31-уми июли соли 2015 таҳти феҳрасти №9Ш-1037 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Чортеппа, хонаи 3/5, ба Матлабов Алишер Урунбаевич ва Абдулҳақов Низомеддин Джамалович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода (собиқ Киров), хонаи 6, ба Абдулхаков Низомеддин Джамалович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бино, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Чортеппа, хонаи 3/5, ба Матлабов Алишер Урунбаевич ва Абдулхаков Низомеддин Джамалович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи замин-созии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Чортеппа, хонаи 3/5, ба Матлабов Алишер Урунбаевич ва Абдулхаков Низомеддин Джамалович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А04096166, ки онро ШВҚД дар ноҳияи Айнӣ 14-уми декабри соли 2021 ба Амонова Авзалмоҳ Абдулхайёмовна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2021 ба Шодиев Озодбек Авазбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 1994 ба Нуруллоев Ибодулло Мурадуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, Иҷтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, Гувоҳномаи гумшуда дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва муҳри гумшудаи ҶДММ «Таркиши фикрҳо» (РМА 040034735, РЯМ 0410015467), ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, эътибор надоранд.

✓ Билети ҳарбии гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино ба Султонов Диловар Пулодович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ соли 2020 ба Сиярова Ҳабиба Манзаровна додааст, эътибор надорад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Саёҳати бошукӯҳи Осиё» (РМА 600013535, РЯМ 6010005815), ки 25-уми октябри соли 2018 дар Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Меҳмонхонаи сайёҳ» (РМА 030037532, РЯМ 0310025559), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Яҳё Бӯстон» (РЯМ 1210014805, РМА 120045318), ки дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 23-юми январи соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Таркиши фикрҳо» (РМА 040034735, РЯМ 0410015467), ки онро моҳи сентябри соли 2011 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Академияи илмҳои замонавӣ» (РЯМ 0210029289, РМА 020054598), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 12-уми июни соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «МАРКАЗИ САВДО БАЙТОР-ТМ» (РМА 0410006108), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 12 марти соли 2010 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Конституция - кафолати ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ва ватанпарастон
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва суполиш) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

Ба чопаш 27 сентябри соли 2024, соати 18:30 иҷозат дода шуд.
Адади нашр 33085 нусха

Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97